**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи**
**Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,**
**бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Заминаи муҳими рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ фаъол намудани равандҳои сармоягузорӣ ба пойгоҳи истеҳсолии корхонаҳо мебошад, ки асоси онро мошину таҷҳизот ва дигар объектҳои воситаҳои асосӣ ташкил медиҳанд. Густариши ҳамкориҳо, барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоя зарурати қонеъ намудани эҳтиёҷоти сармоягузоронро бо иттилооти молиявии саҳеҳ муайян мекунад. Ин иттилоот бояд ба қабули қарорҳои идоракунии саривақтии асоснок ва оқилона мусоидат кунад.

Яке аз масъалаҳои нисбатан мураккаб ва бо мушкилот алоқаманди методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ инъикоси дурусти амалиёт бо воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ин масъала дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) боз ҳам мубрам гардидааст. Бинобар ин, имрӯз талабот ба баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва ташаккули иттилоот оид ба ҳаракат ва истифодабарии онҳо дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар асоси он таҳлили самаранокии истифодабарии иқтидори истеҳсолии корхонаҳо ба ҷо оварда мешавад, бештар гардидааст. Ҳамаи ин аз муҳимият ва мубрамии мавзуи диссертатсия, ки муҳтавои автореферати онро мо арзёбӣ мекунем, гувоҳӣ медиҳад.

Автореферат моҳияти асосии диссертатсияро ифшо ва муҳтавои онро дар шакли фишурда ифода мекунад. Дар автореферат навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимояи пешниҳодшаванда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои дар асоси он таҳияшуда ва дигар муқаррароти диссертатсия оварда шудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 26 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст, ки ҷиҳатҳои асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Таҳқиқи муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки дар диссертатсия ҷиҳатҳои зиёди барои назария ва методология баҳисобгирии муҳосибии

воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ аҳамиятнок зиёд мебошанд, ки баъзе аз онҳоро мо қайд мекунем.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ алоқамандии мафҳумҳои асосии бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд - «сармояи асосӣ», «фондҳои асосӣ» ва «воситаҳои асосӣ»-ро дар шакли тарҳ инъикос намудааст (расми 1, саҳ. 10 автореферат), ки аз ҷиҳати пуррагӣ ва айёнияти пешниҳоди маълумот пурбаҳо мбошад. Муаллиф ҳангоми тафсири мафҳумҳои асосӣ ба равишҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки маҳз аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия шуда ва дар адабиёт оварда шудаанд.

Муҳимии масъалаи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосиро дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ қайд карда, муаллиф тавсия медиҳад, ки ҳангоми ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул кардани воситаҳои асосӣ, инчунин бо мақсади ташаккули методологияи ягонаи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқ кардани он бо СБҲМ, ҳамчун маблағи азнавбаҳододашудаи воситаҳои асосӣ арзиши одилона истифода шавад (саҳ.11). Муаллиф ин пешниҳоди худро бо далелҳои дахлдор асоснок кардааст.

Муқаррароти барои амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ арзишманди дар диссертатсия таҳияшуда низ зиёд мебошанд. Аз ҷумла, ҳаминро бояд қайд кард, ки бо таҳқиқи муқаррароти СБҲМ ва талаботи қонунгузории амалкунанда муайян карда шудааст, ки робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ба бештари мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ боис шудаанд. Бинобар ин, муаллиф ба ин масъалаҳо бештар таваҷҷуҳ намуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти дахлдорро нишон додааст. Аз ҷумла, барои беҳгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз дар мавриди барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ бо ба инобат гирифтани талаботи қонунгузории андоз ва муқаррароти СБҲМ тавсияҳои судманд таҳия кард шудааст (саҳ. 15-16). Методикаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ, ки муаллиф пешниҳод кардааст (ҷадвали 3, саҳ. 19), барои амалияи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ арзишманд менамояд.

Дар асоси омӯзиши автореферат баъзе эродҳоро қайд кардан мумкин аст, ки ба инобат гирифтани онҳо аҳамияти таҳқиқотро бештар мекард.

1. Муаллиф қайд кардааст, ки дар диссертатсия методикаи баҳисобгирии муҳосибии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ таҳия карда шудааст (саҳ. 6 автореферат). Хуб мешуд, ки ҳангоми баррасии масъалаи

мазкур таҷрибаи байналмилалӣ бо таҷрибаи ватанӣ муқоиса карда шуда, амсилаи худии муаллиф пешниҳод карда мешуд.

2. Дар таҳқиқот ба масъалаҳои таъсири хароҷоти марбут бо воситаҳои асосӣ ба арзиши аслии маҳсулот ва таҳияи ҳисобот оид ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ диққати дода нашудааст.

3. Масъалаҳои бо баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ алоқаманд аз мадди назари муҳаққиқ дур мондаанд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, камбудиҳои қайдгардида ба баҳои умумии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Хулосаи умумӣ оид ба автореферат: автореферати диссертатсия дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» фишурдаи мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ифода намуда, тамоми ҷиҳатҳои муҳими онро дар бар мегирад. Диссертатсия ба талаботи дар бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) овардашуда мувофиқ буда, муаллифи он Каримиён Мадинаи Баҳодур барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Қаюмова Ф.А.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қаюмова Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон __________Ғаюров Ф.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Саид Носир, 33 **Тел.:** (+992) 001103405. **E-mail:** firzaa_66@mail.ru

24.05.2024 с.